# Меъёри бозтамвил 2,0 банди фоизӣ паст карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №32 аз 3 феврали соли 2023 ҷиҳати 2,0 банди фоизӣ паст кардани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 11,0 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти дар сатҳи поёнии ҳадафи муқаррааргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ қабул карда шуд.

Инчунин, дар раванди қабули қарори мазкур баҳодиҳӣ ва дурнамои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ[1] оиди коҳишёбии хавфҳои таваррумӣ дар ҷаҳон ҳамчун омили таъсиррасони берунӣ ба сатҳи таваррум дар кишвар ба инобат гирифта шудааст.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон.*** Дар давоми соли 2022 таъсири як қатор рӯйдоду пайомадҳои гуногун дар ҷаҳон, аз қабили ноором гардидани вазъи геосиёсӣ дар минтақа, низоъҳои тиҷоратӣ байни давлатҳои абарқудрат, идомаи таъсири пайомадҳои беморӣи сироятии коронавирус (COVID-19) ва ҷоришавии таҳримҳои нав нисбати Россия ба ноустувории молиявию иқтисодии кишварҳо ва болоравии сатҳи нархҳои ҷаҳонии молу маҳсулот шиддат бахшид. Афзоиши омилҳои таваррумии ҷаҳонӣ дар навбати худ ба сатҳи нархҳои дохилии кишвар ва интизориҳои таваррумии аҳолӣ асосан дар моҳҳои март – майи соли 2022 таъсири бевоситаи худро расониданд.

Новобаста аз ин мушкилиҳо, дар натиҷаи фаъолияти пурсамари Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдори кишвар рушди иқтисодиёт ва сатҳи таваррумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 муътадил нигоҳ дошта шуданд.

Аз ҷумла, сатҳи таваррум дар соли 2022 новобаста аз мушкилиҳои ҷаҳонии ҷойдошта дар доираи ҳадафи поёнии муқаррааргардида 6,0 % (+/- 2 б.ф.) нигоҳ дошта шуда, 4,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 3,8 банди фоизӣ паст мебошад.

---

[1] *World Economic Outlook, IMF, January 30, 2023*

[1] *[www.fao.org](http://www.fao.org)*